**Тақриз**

**ба автореферати диссертатсияи Шарипов Фирдавс Нуралиевич дар мавзуи: «Модификатсияи ҳосилаҳои нитрогендори глитсерол, диглитсерол ва имконияти истифодабарии онҳо дар синтези органикӣ», барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа Ph.D-доктор аз рӯйи ихтисоси 6D060606 – «Химия» (6D060603 - Химияи органикӣ).**

Мавзуи интихобкардаи рисолаи доктори фалсафа Ph.D-доктор аз рӯйи ихтисоси Шарипов Фирдавс Нуралиевич бешубҳа муҳим аст. Ҳосилаҳои глитсерол қисми ҷудонашавандаи липидҳо мебошанд, ки дар мубодилаи организми ҳайвонот иштирок мекунанд. Солҳои охир дар асоси ин спирти бисёр атома ва ҳосилаҳои он доруҳои бисёр самарабахш синтез ва ба тиб ворид карда шуданд. Пайвастхое, ки дар асоси глитсерол ва ҳосилаҳои он ба даст оварда шудаанд, ҳамчун воситаҳое, ки рангкунии наххҳои бофандагӣ ва синтетикиро бехтар мекунанд, барои коркарди чарм, эмулгаторҳо ва коагулянтҳо истифода мешаванд. Илова бар ин, пайвастаҳои ин синф дар зироаткорӣ ҳамчун афзоиштанзимкунандаи самараноки афзоиши растаниҳо бомуваффақият истифода мешаванд.

Аз ин бармеояд, ки кори илмии Шарипов Фирдавс Нуралиевич дар ин самт муҳим аст ва ба талаботи муосир дар таҳқиқоти дар ин самт гузаронидашуда ҷавобгӯ мебошад.

Дар натиҷаи таҳқиқотҳои мунтазаме, ки Шарипов Ф.Н. шароити оптималии синтези як қатор ҳосилаҳои нави глитсерол ба вуҷуд оварда шуда, таркиб ва сохти моддаҳои синтезшуда бо усулҳои гуногуни таҳқиқоти физикӣ-химиявӣ муайян карда шудаанд, ки шубҳае нест. Вай ба кор карда баромадани усулхои модификатсияи пайвастаҳои органикии бисёрфунксионалии гетеросиклӣ, ки дар якҷоягӣ самти нави ояндадор дар синтези органикӣ мебошад, муваффақ шудааст.

Тибқи автореферати диссертатсия маълум мешавад, ки кори диссертационии Шарипов Ф.Н, ки дар дараҷаи дурусти таҷрибавию назариявӣ иҷро карда шудаанд, натиҷаҳо ва шарҳу эзоҳоти онҳо, инчунин хулосаҳои баровардашуда боэътимод ва аз чиҳати илмӣ асоснок мебошанд.

Умуман кор таассуроти хеле хуб мебахшад. Автореферат равшану возеҳ навишта шудааст, натичаи кори диссертатсияро инъикос мекунад. Натиҷаҳои бадастомада бешубҳа, бо маълумоти адабиёт мувофиқанд ва бо мувофиқати маълумоти таҷрибавӣ ва ҳисобшуда тасдиқ карда мешаванд.

Кори диссертасионии Шарипов Ф.Н. дар мавзуи: «Модификатсияи ҳосилаҳои нитрогендори глитсерол, диглитсерол ва имконияти истифодабарии онҳо дар синтези органикӣ», барои дарёфти дараҷаи

илмии доктори фалсафа Ph.D-доктор аз рӯйи ихтисоси 6D060606 – «Химия» (6D060603 - Химияи органикӣ) пешниҳод шудааст, кори илмии баитмом расида мебошад. Аз ҷиҳати ҳаҷм, аҳамияти назариявӣ ва амалӣ, навоварӣ ба тамоми талаботи «Низомнома дар бораи тартиби додани унвонҳои илмӣ»-и Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26 июни соли 2023 №295 барои рисолаҳои номзадӣ тасдиқ шудааст, ҷавобгӯ мебошад. Муаллифи он аз руи ихтисоси 6D060606 – «Химия» (6D060603 - Химияи органикӣ) сазовори дараҷаи илмии дараҷаи илмии доктори фалсафа Ph.D-доктор аз рӯйи ихтисос мебошад.

Доктори илмҳои тиб, сарходими илмии лабораторияи
фармакологияи Институти химияи АМИТ
ба номи В.И.Никитин Раҳимов И.Ф.

Суроға: 734063, ш. Душанбе, кӯчаи. Айни 299/2. Институт химияи ба номи. В.И. Никитина АМИТ. Рақами телефон: (+992) 919002462.

Имзои д.и.тиб., профессор **Раҳимов Исматулло Фатҳуллоевич**-ро тасдиқ мекунам:

Сардори шуъбаи кадрҳои
Институти химия ба номи В.И.Никитинаи АМИТ Раҳимова Ф.А.
«28» 03 сол 2025.